*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 100 (4683) | ПАНҶШАНБЕ, 10 АВГУСТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ РОҒУН



**Нуҳуми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ аз раванди тадбирҳои ободонӣ, вусъати корҳои сохтмонӣ дар иншооти бузурги гидроэнергетикии мамлакат - Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба шаҳри Роғун ташриф оварданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода дар маркази шаҳри Роғун нахуст бо ҷараёни корҳои азнавсозии роҳи мошингарди «Роғун-Обигарм-Нуробод» ва лоиҳаи сохтмони роҳи автомобилгард аз Неругоҳи барқи обии «Роғун» то Неругоҳи барқи обии «Шӯроб» шинос шуданд.

Сохтмони роҳи автомобилгард аз Неругоҳи барқи обии «Роғун» то Неругоҳи барқи обии «Шӯроб» моҳи октябри соли 2023 оғоз гардида, дарозии умумии лоиҳавии он 9,8 километрро ташкил медиҳад.

Тибқи лоиҳа, дар роҳи автомобилгард аз Неругоҳи барқи обии «Роғун» то Неругоҳи барқи обии «Шӯроб» пул бо дарозии 1593 метр ва дигар намуди корҳои роҳсозӣ бо сатҳу сифати баланд ба анҷом расонида шуда, он ба категорияи чоруми роҳсозӣ мутобиқ гардонида мешавад.

Сохтмони қисмати роҳи автомобилгарди даромадгоҳи шаҳри Роғун, ки дарозии он аз рӯи лоиҳа 11 километрро ташкил медиҳад, барои интиқоли молу маҳсулот ва боз ҳам беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ аҳамияти калони иҷтимоию иқтисодӣ дорад.

Соли 2021 корҳои сохтмонӣ дар ин масир бо супориш ва дастгирии бевоситаи Сарвари давлат оғоз гардида, қабати асосии роҳ - гузоштани обравҳо ва селпартоҳо пурра омода шуда, айни ҳол бо ҷалби техникаю механизмҳои роҳсозӣ корҳои мумфаршкунӣ аз ду тараф, ҳам аз қисмати маркази шаҳр ва ҳам аз қисмати даромад ба шаҳри Роғун, ҷараён доранд. Ҳоло мумфаршкунии роҳ оғоз гардида, дар ҳама қитъаҳои сохтмони роҳ 44 нафар коргари маҳаллӣ машғули кор буда, кор аз ду самт тибқи нақша ва бо риояи технологияи муосири роҳсозӣ ҷараён дорад.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки таҷдид ва навсозии роҳи мазкур дар доираи лоиҳаи сохтмони роҳи мошингарди «Роғун - Обигарм - Нуробод» дар марҳилаи якум амалӣ шуда, раванди корҳои иҷрогардида ҳамарӯза аз ҷониби кормандону мутахассисони Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳо назорат ва пеш бурда мешавад.

Роҳ бо ду хатти ҳаракати паҳноиаш 8 - 12 - метра сохта шуда, сатҳу сифати хизматрасонӣ ба талаботи муосири роҳсозӣ мутобиқ гардонида мешавад. Ҳамзамон мувофиқи лоиҳа навсозии як пули мавҷуда бо дарозии беш аз 50 метр, сохтмони 11 қубури обгузар, насби ҷӯйборҳои обпартои оҳану бетонӣ, заҳбурҳои обкашӣ ва дигар корҳои роҳсозӣ ба анҷом расонида мешавад.

Аз рӯи маълумоти мутахассисон то якуми августи соли 2023 корҳои сохтмонӣ дар 9 қубури обгузар ва дар бештари қисматҳои роҳ корҳои хобонидани ҷӯйборҳои оҳану бетонии ду тарафи роҳ ба анҷом расидааст.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои иҷрошудаи лоиҳаи сохтмони роҳи мошингарди «Роғун-Обигарм-Нуробод» муаррифӣ гардид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расидан ба ҳадафҳои рушд ва беҳтар сохтани инфрасохтори соҳаи роҳу нақлиёт ба талаботи замон тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд. Дар ин замина баъди раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ татбиқи ҳадафи дигар - табдил додани Тоҷикистон ба мамлакати транзитӣ оғоз гардид. Бо ин мақсад ҳоло дар соҳа татбиқи 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии зиёда аз 11 миллиард сомонӣ идома дорад, ки яке аз онҳо лоиҳаи сохтмони роҳи автомобилгарди «Роғун - Обигарм - Нуробод» мебошад. Корҳои сохтмонӣ ва татбиқи лоиҳа дар ин масир 7-уми июни соли 2021 зимни сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Нуробод оғоз гардида буд.

Зимни муаррифии лоиҳа Сарвари давлат ба масъулон супориш доданд, ки корҳои сохтмониро дар роҳи мошингарди «Роғун - Обигарм - Нуробод» бо сифати баланд ва дар муҳлати муайяншуда ба анҷом расонанд, то ин масир ба мардум садсолаҳо хизмат намояд.

Акнун аз давраи татбиқи лоиҳаи сохтмони роҳи автомобилгарди «Роғун - Обигарм - Нуробод» беш аз 2 сол сипарӣ шуда, то инҷониб бо ҷалби коргарону мутахассисон корҳои зиёди сохтмонӣ ба анҷом расида, натиҷаҳо дар ин ҷода назаррас мебошанд.

Лоиҳаи сохтмони роҳи мошингарди «Роғун - Обигарм - Нуробод» идомаи иқдомоти давлату Ҳукумати мамлакат барои ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон мебошад ва кор дар ин масир бо ҷалби мутахассисони касбӣ ва техникаю механизмҳои зарурӣ бо сатҳу сифати баланд ҷараён дорад.

Лоиҳа аз ду марҳила иборат буда, дарозии умумии роҳ беш аз 75 километрро ташкил медиҳад.

Ба таъкиди муҳандисон дар масири «Роғун - Обигарм - Нуробод» дар минтақаҳои баландкӯҳ роҳ то ҳадди зарурӣ паст ва паҳноияш васеъ карда мешавад, ки ин тадбир ба хотири таъмини бехатарии ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар тамоми фасли сол амалӣ мегардад.

Айни ҳол дар ду марҳила наздики 2000 нафар барои иҷрои корҳои сохтмонӣ ҷалб гардидаанд, ки 80 дарсади коргаронро сокинони маҳаллӣ ташкил медиҳанд.

Бунёди қитъаи роҳи мошингарди «Роғун-Обигарм-Нуробод» мисли қитъаҳои дигар тибқи меъёрҳои ҷаҳонӣ ба роҳ монда, ба пайвастани қитъаҳои дигари шоҳроҳи дорои аҳамияти байналмилалӣ, ба маротиб зиёд гардидани ҳамлу нақли мусофирон, молу маҳсулот ва рафтуомади боз ҳам беҳтару бехатари аҳолии ноҳияҳои водии Рашт ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо маркази мамлакат таъмин мегардад.

Мувофиқи лоиҳа дар марҳилаи якуми роҳ бунёди 71 қубури обгузари қутрашон гуногун, 40 такядевори оҳану бетонӣ, 6 пул ва ду нақби мошингузар ва дар 92 нуқта деворпояҳои ҳимоявии сангӣ ба нақша гирифта, корҳо дар ин самт дар арафаи анҷомёбӣ қарор дорад.

Айни ҳол дар ду баст ва 60 нуқта бо ҷалби 800 нафар коргару мутахассис ва 170 техникаи роҳсозӣ корҳои тахту ҳамворкунӣ, арматурбандӣ дар такядеворҳои оҳану бетонӣ, корҳои конструктивӣ ва кандани ҷинсҳои кӯҳӣ дар нақбҳои мошингузари «Қандак» ва «Қарағоч» идома доранд.

Корҳои нақбканӣ дар нақби мошингузари «Қандак», ки 1610 метрро ташкил медиҳад, пурра ба анҷом расида, дар нақби мошингузари «Қарағоч» корҳои конструктивӣ ва арматурбандӣ идома доранд.

Аз 6 пули мошингузаре, ки дар марҳилаи якум ба нақша гирифта шудааст, 5 - тои он навсозӣ ва 1 - тои дигараш таъмир мегардад ва ҳоло дар иншооти мазкур корҳо аз рӯи нақша ҷараён дорад. Дар маҷмӯъ то ин давра сохтмони 47 қубури обгузар ва 12 такядевори оҳану бетонӣ ба итмом расида, дар 25 нуқта корҳои бозсозии такядеворҳои ҳимоявии сангӣ идома дорад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

**9-уми августи соли 2023 дар шаҳри Роғун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон директори генералии ширкати «Войт Ҳайдро» Герхард Сейрлингро ба ҳузур пазируфтанд.**

# МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ГЕРХАРД СЕЙРЛИНГ

Дар мулоқот масъалаҳои ҳамкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ширкати «Войт Ҳайдро» оид ба иҷрои уҳдадориҳои дуҷониба дар таъмини иншооти гидроэнергетикии Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо таҷҳизоти гидромеханикӣ ва электромеханикӣ баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рафти корҳои сохтмонӣ дар Лоти 1 - и неругоҳ, ки зимни сафари корӣ мушоҳида карданд, андешаронӣ намуда, таъкид доштанд, ки бояд тамоми корҳо тибқи реҷаи мувофиқагардида сари вақт ва босифат иҷро гарданд.

Дар ҷараёни мулоқот роҳбарияти ширкати «Войт Ҳайдро» ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи иҷрои уҳдадориҳо маълумот доданд. Изҳори боварӣ карда шуд, ки намояндагони ширкат барои татбиқи нақшаҳо тадбирҳои зарурӣ ва саривақтиро амалӣ менамоянд.

Дар мулоқот, инчунин, Сарвазири мамлакат, вазири молия, директори генералии НБО «Роғун», директори мудирияти истифодабарии Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва директори ҶСК «Тоҷикгидроэлектромонтаж» иштирок намуданд.

**www.president.tj**

# ИҚТИСОДИ МИЛЛИИ МО ҲАР СОЛ РУШД ЁФТА ИСТОДААСТ ВА БОИСИ АФЗОИШИ ТАЛАБОТ БА НЕРУИ БАРҚ МЕГАРДАД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо бунёдгарони Неругоҳи барқи обии «Роғун»**

**шаҳри Роғун, 10-уми августи соли 2023**

**Муҳтарам бунёдгарони Неругоҳи барқи обии «Роғун»!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Аз шиносоии охирини мо бо ҷараёни корҳои сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва вохӯрӣ бо шумо як сол сипарӣ гардид. Мо дар ҷараёни сафари корӣ бори дигар бо вазъи корҳо аз наздик шинос шудем ва мушоҳида кардем, ки бо заҳмати содиқонаи шумо – бунёдгарони иншооти муҳими аср дар аксари қитъаҳои сохтмон корҳо хеле пеш рафтаанд. Бинобар ин, ба ҳамаи шумо барои заҳмати шабонарӯзӣ ба хотири пешрафти имрӯзу фардои Тоҷикистон ва расидан ба истиқлоли энергетикии кишвари азизамон сипосу миннатдорӣ баён менамоям.

Ҳамчунин, ба ҳамкорони хориҷиамон – ширкатҳое, ки дар паҳлуи мою шумо заҳмат мекашанд, изҳори сипос мекунам.

Қобили зикр аст, ки аз оғози фаъолияти ду агрегати аввалини неругоҳ, ки бо фишори пасти обанбори тозабунёд кор мекунанд, то имрӯз, аллакай, зиёда аз 6,4 миллиард киловатт – соат неруи барқ ба маблағи беш аз 1,5 миллиард сомонӣ истеҳсол ва ба низоми ягонаи энергетикии мамлакат интиқол дода шудааст. Дар робита ба ин, бори дигар хотиррасон менамоям, ки барои таъмин намудани рушди муназзаму устувори иқтисоди миллӣ, қонеъ гардонидани талаботи рӯз ба рӯз афзояндаи соҳаҳои истеҳсолӣ ва аҳолии кишвар ба неруи барқ афзоиш додани истеҳсоли неруи барқ аз ҷумлаи заруратҳои аввалиндараҷа ва ҳатто ҳаётӣ ба ҳисоб меравад.

Иқтисоди миллии мо ҳар сол дар сатҳи на кам аз 7 фоиз рушд ёфта истодааст, ки боиси афзоиши талаботи солона ба неруи барқ дар ҳаҷми ду – дуюним фоиз мегардад. Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки ба масъалаи истифодаи самаранок ва ҳар чӣ бештари захираҳои энергетикии кишварамон диққати аввалиндараҷа ва доимӣ диҳем. Маҳз, ба ҳамин хотир мо Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро сохтмони аср эълон кардаем.

Бо бунёди ин неругоҳи бузург мо на танҳо мушкилоти нарасидани барқро барои аҳолӣ ҳаллу фасл менамоем, балки ба хотири рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла фаъолияти мунтазами корхонаҳои саноатӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар гардонидани вазъи соҳаҳои иҷтимоӣ, хусусан, маорифу тандурустӣ, заминаи устувор фароҳам меоварем.

Бинобар ин, такроран таъкид менамоям, ки суръат бахшидан ба ҷараёни корҳои сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун», дар муҳлатҳои муқарраргардида ва бо риояи стандартҳои байналмилалӣ ба анҷом расонидани марҳилаҳои баланд бардоштани сатҳи сарбанд ва ба истифода додани агрегатҳои навбатӣ бисёр муҳим ва зарур мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Барои корҳои барқарорсозӣ ва сохтмону васлгарии Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар зарфи солҳои 2008 – 2022, яъне аз оғози корҳои барқарорсозию сохтмон аз ҳисоби буҷети давлатӣ, беш аз 35 миллиард сомонӣ маблағ равона карда шудааст. Танҳо соли 2022 барои идомаи сохтмони неругоҳ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ 2,6 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардида буд, вале Ҳукумати мамлакат барои ҷалби маблағҳои иловагӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, бо ин мақсад, дар маҷмӯъ, 4 миллиард сомонӣ равона намуд.

Аз оғози соли ҷорӣ барои пардохти корҳои сохтмону васлгарӣ дар иншоот, корҳои лоиҳакашию таҳқиқотӣ ва ҷустуҷӯӣ, хариди таҷҳизот, молу масолеҳи сохтмон ва хизматрасониҳо аз ҳисоби буҷет 2,6 миллиард сомонӣ, аз ҳисоби фурӯши барқи истеҳсолкардаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» 427 миллион сомонӣ, дар маҷмӯъ, зиёда аз 3 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Яъне, нақшаи солона 2,5 миллиард сомонӣ буд, вале то имрӯз беш аз 3 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ гардид.



Имрӯз дар иншооти неругоҳ 14 ҳазору 164 нафар коргар ва корманди муҳандисию техникӣ фаъолият доранд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3 ҳазору 600 нафар зиёд мебошанд, вале шумораи зикршуда барои бомарому босуръат идома додани корҳои сохтмон ҳоло ҳам кифоя нест ва зарур аст, ки дар ин самт тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Шумораи мошину механизмҳое, ки дар сохтмон истифода мешаванд, ҳар сол аз ҳисоби хариди мошину механизмҳои пуриқтидори муосир зиёд гардида, ҳоло ба 3443 расонида шудааст.

Бояд гуфт, ки корҳои сохтмони неругоҳ ба лотҳои алоҳида тақсим шудаанд, ки бо ҳамдигар вобастагии мустақим дошта, қафомонӣ дар яке аз онҳо боиси қафомонии корҳо дар дигар самтҳо мегардад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки фармоишгар – Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии «Роғун» якҷо бо намояндаи фармоишгар – Консорсиуми «Трактебел»-и Фаронса ва «Электроконсалт»-и Итолиё ҷараёни корҳоро дар иншооти дахлдор ҳамоҳанг намоянд.

Дар бунёди сарбанд, ки яке аз иншооти муҳими неругоҳ мебошад, то имрӯз аз ҷониби ширкати «Вибилд»-и Итолиё аз 80 миллион метри мукааби пешбинишуда дар қисматҳои болою поёни сарбанди асосӣ 19 миллион метри мукааб сангу шағал ё 24 фоиз рехта ва шибба карда шудааст.

Тибқи лоиҳа, танҳо дар минтақаи ядрои сарбанд корҳои тоза намудан ва мустаҳкамсозию бехатаргардонии соҳилҳои чапу рости паҳлуи кӯҳҳо иҷро гардида, корҳои заминӣ дар ҳаҷми беш аз 2,7 миллион метри мукааб ба анҷом расонида шудаанд. Инчунин, то имрӯз ба таҳкурсии ядрои сарбанд аз 268 ҳазор метри мукааби пешбинишуда 240 ҳазор метри мукааб бетони пуркунанда ва шиббашаванда ё 90 фоиз рехта шудааст. Ҳамзамон бо ин, дар таҳкурсии ядрои сарбанд барои корҳои сементатсияи мустаҳкамкунанда аз 3014 чоҳи пешбинишуда 2615 чоҳ ё 87 фоиз пармакорӣ ва сементатсия гардидааст.

Бо вуҷуди ин, ширкати «Вибилд»-ро зарур аст, ки барои таъмин намудани бехатарии иншоот бо истифода аз боду ҳавои мусоид корҳои бетони шиббашаванда ва сементатсияи мустаҳкамкунандаи таҳкурсии ядрои сарбандро ҳар чӣ зудтар ба анҷом расонида, то сатҳи 1110 метр баланд бардоштани сарбандро дар муҳлати муайянгардида таъмин намояд. Илова бар ин, ширкати «Вибилд» бояд корҳоро бо реҷаи шабонарӯзӣ ташкил карда, шумораи мошину механизмҳои истифодашавандаро ба маротиб зиёд намояд ва дар як шабонарӯз на камтар аз 70 – 80 ҳазор метри мукааб мавод хобонад.

Барои сари вақт захира намудани ҳаҷми зарурии маводи сарбанд бояд тадбирҳои амалӣ андешида, дар ин самт бо иқтидори пурра истифода намудани хатти конвейерӣ ва ташкили самаранoки истифодаи роҳҳои боркашӣ таъмин карда шавад.

Дар муҳлати муайянгардида ба истифода додани нақби сохтмонии қабати 4-ум хеле муҳим мебошад, зеро истифодаи он барои таъмини бехатарии иншоот ҳангоми то нуқтаи 1100 метр расонидани сатҳи об дар мавсими селоб ҳатмист. Дар ин самт зарур аст, ки аз ҷониби ҶСК «Тоҷикгидроэлектромонтаж» – пудратчии ЛОТ-и 3 чораҳои таъхирнопазир андешида шаванд. Инчунин, ҶСК «Тоҷикгидроэлектромонтаж» бояд корҳоро дар нақбҳои нақлиётии 23, 39 ва қисмати баромадгоҳи нақбҳои обпарто дар муҳлатҳои муқарраргардида ба анҷом расонад.

Корҳои марбут ба ЛОТ-и 4, аз ҷумла хокбардорӣ ва мустаҳкамкунӣ дар мавзеи обқабулкунакҳои асосӣ, пошидани маҳлули бетонӣ ва гузоштани анкерҳои махсус аз тарафи ширкатҳои дар ин самт фаъолияткунанда, инчунин, корҳои нақбканӣ ва мустаҳкамкунӣ дар нақбҳои обрасони амудӣ аз тарафи Заводи таҷрибавии механикии шаҳри Норак бояд вусъат дода шаванд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ РОҒУН

(Идома аз саҳ. 1)

Фармоишгари лоиҳа Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамоҳангсози он Маркази татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳо мебошад ва раванди корҳои иҷрошуда доимо таҳти назорати мутахассисон қарор дорад.

Марҳилаи дуюми лоиҳа қисми боқимондаи роҳи асосии Тагикамар - Нуробод ва роҳи байнидеҳавиро дар бар мегирад. Айни замон дар ин масир сохтмони нақби «Тагикамар» бо дарозии 2,6 километр, 6 пули нав, таҷдиди як пули мавҷуда, як пули муваққатӣ ва дигар иншооти нақлиётӣ бомаром идома дорад.

Бо талошу заҳмати роҳсозон корҳои ҳаффорӣ дар нақби мошингузари «Тагикамар» 1505 метр иҷро шуда, дар асоси лоиҳа насбу ҷобаҷогузории қубурҳои обгузари оҳану бетонии қабати асосии роҳ низ идома дорад.

Дар татбиқи ин марҳила 1000 нафар мутахассису сохтмончӣ заҳмат мекашанд, ки аксарият сокинони маҳаллӣ мебошанд.

Таҷдид ва навсозии ин роҳ шароитеро фароҳам овард, ки шаҳрвандони маҳаллӣ дар баробари соҳиби ҷойи кори мувофиқ ва маоши баланд гардидан, инчунин дар обод намудани Ватани хеш саҳми арзанда мегузоранд.

Роҳи автомобилгарди «Роғун - Обигарм - Нуробод» аз ду хатти ҳаракат иборат буда, паҳнои стандартии он аз 12 то 15 метр ва канораҳои ду тараф ба 2,5 метр баробар мегарданд.

Қисмати мумфаршсозии роҳи мошингард аз 7 то 10 метрро ташкил намуда, дар маҷмӯъ роҳи автомобилгарди «Роғун - Обигарм - Нуробод» ба категорияи сеюми роҳсозӣ мутобиқ гардонида мешавад.

Ҳадафи асосии лоиҳаи мазкур таъмин намудани бехатарии ҳаракат ва тавсеаи робитаҳои байналмилалӣ, рушди сайёҳӣ, инчунин, дар доираи татбиқи он фароҳам овардани ҷойҳои нави кор ва бо ҳамин роҳ баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинони водии Рашт ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Мавриди зикри хос аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат - баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ танҳо дар масири шоҳроҳи «Роғун - Обигарм - Нуробод» дар масофаи 100 километр ба маблағи наздики 400 миллион доллари амрикоӣ роҳҳо ва кӯпрукҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бунёд карда истодааст. Дар рафти корҳои сохтмонӣ 2500 нафар мутахассиси маҳаллӣ ба кор ҷалб гардидааст.

**9 - уми августи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода бо мақсади шиносоӣ аз ҷараёни корҳои сохтмонӣ ба Неругоҳи барқи обии «Роғун» ташриф оварданд.**

Нахуст Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рафти корҳои сохтмонӣ дар бинои дарвозаҳои садамавӣ-таъмирии нақби сохтмонии қабати чорум шинос шуданд.

Бинои дарвозаҳои садамавӣ - таъмирии сохтмонии қабати чорум дар сатҳи 1088 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, дарозии он 79,4 метрро ташкил медиҳад. Дар ин қитъаи сохтмон 30 нафар дар ду баст фаъолият намуда, корҳои сементатсионӣ, васлу насби оҳанфулузот, кафшергариро сари вақт ва бо сифати баланд иҷро менамоянд.

Ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки то имрӯз 95 фоизи корҳои сементатсионӣ дар бинои дарвозаҳои садамавӣ - таъмирии нақби сохтмонии қабати чорум иҷро шуда, корҳои бетонхобонӣ дар ҳаҷми 25 ҳазору 209 метри мукааб иҷро гардидааст.

Корҳо дар нақби сохтмонии қабати чорум соли 2018 оғоз шудааст. Нақб, ба истиснои баромадгоҳ, 1770 метр дарозӣ дорад ва қутраш 15 метрро ташкил медиҳад. Иқтидори обгузаронии нақби сохтмонии қабати чорум дар як сония 3500 метри мукааб мебошад.

Корҳои васлу насби оҳанфулузот - 1150 тонна ва насби таҷҳизоти гидромеханикӣ - 112 тонна ба иҷро расонида шудааст.

Корҳои сохтмону васлгарии иншооти мазкур аз тарафи пудратчии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидромонтаж» пеш бурда мешаванд. Айни ҳол корҳои рӯйкаши оҳанфулузот пурра ба анҷом расонида шудааст.

Тибқи нақша, дар камераи дарвозаҳои садамавӣ ва асосии нақби сохтмонии қабати чорум низ корҳои сохтмонӣ бо ҷалби мутахассисон дар ду баст ба роҳ монда шуда, рӯз то рӯз бунёдгузорони ин қитъаи сохтмон ба марҳилаи ниҳоии кор дар нақби сохтмонии



қабати чорум наздик мешаванд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми шиносоӣ аз рафти корҳо дар биноי дарвозаҳои садамавӣ - таъмири нақби сохтмонии қабати чорум бо масъулону мутахассисон суҳбати самимӣ анҷом дода, таваҷҷуҳи онҳоро ба тезонидани корҳои сементатсионӣ ва васлу насби таҷҳизоти гидромеханикӣ ҷалб намуданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» аз рафти корҳои сохтмонӣ дар мавзеи шикасти «Ёнахш»-и нақби сохтмонии қабати чорум низ боздид ба амал оварданд.

Корҳои васлу насби оҳанфулузот ва арматурбандию сементатсионӣ бо истифодаи техника ва таҷрибаю кордонии мутахассисон дар мавзеи шикасти «Ёнахш»-и нақби сохтмонии қабати чорум дар доираи нақша ва мутобиқ ба талаботи меъёрҳои соҳа ба сомон расонида шудааст.

Тибқи лоиҳа, дар мавзеи сохтмон корҳои васлу насби оҳанфулузот 1090 тоннаро ташкил медиҳад. Насб намудани оҳанфулузот, арматурбандӣ ва корҳои кафшергариро муҳандисону коргарон дар мӯҳлати муайяншуда иҷро кардаанд. Ҳоло корҳои кафшергарию сементансионӣ бо суръати баланд пеш бурда мешаванд.

Неругоҳи барқи обии «Роғун» аз иншооти калонтарини гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, он дар оянда рушду нумӯи тамоми соҳаҳои муҳими хоҷагии халқи мамлакатро таъмин месозад.

Дар идомаи боздид Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раванди корҳои то имрӯз анҷомёфта ва идомаи васлу насби таҷҳизоти механикию арматурбандӣ дар душохагии нақби сохтмонии қабати чорум шинос шуданд.

Дар натиҷаи дуруст ба роҳ



мондани фаъолият коргарон то ин вақт тавонистанд ҳаҷми корҳои бетониро дар доираи нақша ба миқдори 89 ҳазору 770 метри мукааб ба иҷро расонанд. То имрӯз ҳаҷми иҷрошудаи корҳои бетонӣ 35 ҳазору 569 метри мукаабро дар бар мегирад.

Ҳоло корҳои арматурбандӣ, бетонхобонии девору сақфи нақб, васлу насби анкерҳо ва корҳои сементатсионӣ тибқи нақшаи корӣ идома дорад. Иттилоъ дода шуд, ки корҳои сохтмону васлгарӣ ва лоиҳакашӣ дар мавзеи шикасти «Ёнахш»-и нақби сохтмонии қабати чорум ва душохагии нақби мазкур аз тарафи пудратчии Лоти 3 Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» иҷро шуда истодааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ аз раванди корҳои иҷрошуда дар бинои дарвозаҳои садамавӣ-таҷрибавии нақби сохтмонии қабати чорум, мавзеи шикасти «Ёнахш» ва душохагии нақби номбурда изҳори қаноатмандӣ намуда, барои дар оянда сари вақт ва мутобиқ ба талаботи сохтмонӣ пеш бурдани корҳои боқимонда дар иншооти бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон - Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба масъулон дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

**9-уми августи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷараёни корҳо дар нақби дастрасии сохтмонии АСТ - 3 - и Неругоҳи барқи обии «Роғун» шинос шуданд.**

Ин нақб аз сатҳи баҳр дар баландии 1043 метр воқеъ буда, дарозии он 387 метрро ташкил медиҳад. Айни замон корҳои нақбканӣ ва мустаҳкамкунии муваққатӣ аз тарафи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» ҷараён дорад. Ҷалби коргарону мутахассисони баландихтисос ва тибқи талабот пеш бурдани раванди сохтмон барои мутобиқ ба меъёрҳои пешбинишуда ба анҷом расонидани корҳо мусоидат кардааст.

Ҳаҷми лоиҳавии корҳои нақбканӣ 22 163 метри мукаабро ташкил медиҳад. То имрӯз корҳои иҷрошуда зиёда аз 12 ҳазор метри мукааб ва корҳои боқимондаи нақбканӣ 10 ҳазору 136 метри мукаабро ташкил медиҳад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон коргарону мутахассисон ва масъулини марбутаро барои истифодаи самаранок аз имконоти мавҷуда, таҳкими раванди сохтмон ва дар муҳлати муайяншудаи лоиҳавӣ ба анҷом расонидани корҳо вазифадор намуданд.

Дар шохаи «А» - и нақби сохтмонии қабати 4-ум корҳои нақбканӣ ва мустаҳкамкунии муваққатӣ дар ҳаҷми 128 ҳазору 401 метри мукааб ба анҷом расонида шудааст. Барои пешбурди кор техникаи замонавӣ ва мутахассисони баландихтисос ҷалб гардидаанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кори сохтмончиён баҳои баланд дода, нақши Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро бароиояндаи дурахшони Тоҷикистон муҳим арзёбӣ карданд.

Ҳоло васлу насби анкерҳо, корҳои сементатсионӣ ва бетонхобонӣ аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» ҷараён дорад. Бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» заминагузори рушди дучанди иқтисодию иҷтимоии мамлакат ба ҳисоб меравад. Бо назардошти ҳамин коргарону мутахассисони ин иншооти азими аср мақсад гузоштанд, ки ӯҳдадориҳоро мутобиқ ба талабот босифат ба анҷом расонида, дар бунёди иншооти аср саҳмгузор бошанд. .

Ҳамчунин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳолати бинои дарвозаҳои садамавӣ - таъмирӣ ва асосии нақби сохтмонии қабати 4-ум шинос шуданд. Иншоот аз сатҳи баҳр дар баландии 1099 метр ҷойгир буда, дарозии он 70 метр, паҳноиаш 18 метр ва баландиаш 22 метрро ташкил медиҳад.

Корҳо дар иншоот аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» анҷом дода мешавад. Вазифаи асосии иншоот ба танзим даровардани фаъолияти иншоот дар давраҳои зарурӣ ба ҳисоб меравад.

Дар нақби сементатсионӣ ва заҳкашӣ корҳои бетонхобонии конструктивӣ аз тарафи коргарону мутахассисони Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» иҷро шуда истодааст.

Корҳои нақбканӣ 29 ҳазору 885 метри мукааб ва корҳои бетонхобонӣ 347 метри мукаабро ташкил медиҳад. Айни замон арматурбандӣ барои идома додани корҳои бетонхобонӣ ҷараён дошта, сифати кор ҳамарӯза назорат ва мутобиқ ба талабот анҷом дода мешавад.

Дарозии нақби сементатсионӣ ва заҳкашӣ тибқи лоиҳа 605 метр буда, нақби мазкур барои иҷрои пурраи корҳои сементатсияи пардаи оббанд ва заҳкашӣ хизмат мерасонад.

Бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар самти расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ саҳми калон мегузорад ва коргарону мутахассисони ин иншооти азими аср бо истифода аз шароити зарурӣ дар майдони меҳнати созанда садоқатмандона дар анҷоми корҳои бунёдӣ бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ саҳмгузорӣ мекунанд.

**Дар идомаи боздид аз Неругоҳи барқи обии «Роғун» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷараёни корҳо дар кони №17-и НБО «Роғун» шинос шуданд.**

Тибқи лоиҳа, дар кони №17 маводи гилхок коркард ва захира карда мешавад. Онро ширкати паймонкори «Вибилд» бо ҷалби мутахассисони Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» анҷом медиҳанд.

Вобаста ба талаботи лоиҳа баъди ба анҷом расидани корҳои бетонӣ дар ядрои сарбанд хобонидани маводи гилхок аз сатҳи 984 метр шурӯъ мегардад. Барои коркарди гилхок дар кони мазкур дастгоҳу таҷҳизоти муосир дар чор қитъаи кон гузошта шудааст, ки тавассути он гилхок бо андозаҳои 0-50 ва 0-200 миллиметр истеҳсол мегардад. Ин дастгоҳҳо иқтидор доранд дар як соат ҳар кадоми он дар алоҳидагӣ аз 100 то 400 тонна гилхокро коркард намоянд.

Ҳаҷми лоиҳавии истифодаи маводи гилхок дар ядрои сарбанд 7,42 миллион метри мукаабро ташкил медиҳад ва то сатҳи 1110 метр, 3,35 миллион метри мукааб гилхок хобонида мешавад.

Мутахассисону коргарон талош меварзанд то коркард ва захираи гилхок дар қитъаҳои кон мувофиқи нақша ба иҷро расонида шавад. Аз оғози корҳо то инҷониб дар кони мазкур зиёда аз 600 ҳазор метри мукааб гилхок коркард ва захира карда шудааст.

Корҳои сохтмонӣ дар чоҳи мавҷшикани нақбҳои обпартои СТ-4, HLO1, ки дар минтақаи поёнии кони №17 ҷойгир аст, аз моҳи июли соли равон оғоз гардида, ҳаҷми лоиҳавии корҳои хокбардорӣ дар ин мавзеъ зиёда аз 1,5 миллион метри мукааб мебошад ва аллакай беш аз 100 ҳазор метри мукааб корҳо ба анҷом расидаанд.

Дар баромадгоҳи нақбҳои обпартои СТ-4, HLO1 ва OVS1/2 корҳои хокбардорӣ бо дарназардошти корҳои мустаҳкамкунии канораҳои кӯҳ дар асоси лоиҳа зиёда аз 1,46 млн. метри мукаабро ташкил медиҳад ва ҳоло дар ҳаҷми зиёда аз 700 ҳазор метри мукааб корҳо ба анҷом расидаанд. Нишебиҳо бо роҳи насби анкерҳо, пошидани маҳлули бетонӣ ва насби лӯлаҳои заҳкаш мустаҳкам карда мешаванд.

Дар асоси лоиҳа дар ин қитъаи сохтмонӣ 304 ҳазору 890 метр анкерҳои АЖГ насб карда мешаванд. То имрӯз 30 ҳазор метр анкерҳои АЖГ насб карда шудааст.

Насби анкерҳои ПНА бошад, дар қитъаи мазкур 877 ҳазору 590 метрро ташкил медиҳад. Ҳаҷми умумии пошидани маҳлули бетонӣ аз рӯи лоиҳа 139 ҳазору 54 метри мураббаъро дар бар мегирад ва то имрӯз 25 ҳазору 365 метри мураббаъ маҳлули бетонӣ пошида шудааст.

Ҳоло корҳои мустаҳкамкунии канораҳои кӯҳ дар асоси лоиҳа ва нақшаи тасдиқгардида бо сифати баланд ҷараён доранд.

Аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» барои сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар қитъаҳои гуногун зиёда аз 5 ҳазору 800 нафар корманду муҳандис ва беш аз 950 адад техникаю механизм ба кор сафарбар карда шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз фаъолияти назарраси коргарону мутахассисон дар кони №17 дар самти коркард ва захирасозии гилхок, ки дар ядрои сарбанд истифода мегардад, изҳори қаноатмандӣ карда, барои боз ҳам вусъат бахшидани корҳо ба масъулон дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Дар асоси дастури Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тақвияти корҳои бунёдӣ дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» техника ва механизмҳои муосирро барои сохтмон ворид намудааст ва беш аз 100 адади онҳо дар ҳамон ҷо муаррифӣ карда шуданд.

Техникаи муосир асосан барои корҳои сангу шағалкашӣ пешбинӣ гардидааст ва иқтидори борбардориашон аз 25 то 90 тонна мебошад.



**9-уми августи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» ошхонаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж»-ро ба истифода супориданд.**

Ошхона барои 500 ҷойи нишаст пешбинӣ шуда, бо дастгоҳу таҷҳизоти муосири соҳавӣ муҷаҳҳаз мебошад. Иншоот ба талаботи санитарӣ - гигиенӣ ва зиддисӯхтор ҷавобгӯй аст. Лоиҳаи бинои ошхона аз ҷониби мутахассисони ширкати мазкур таҳия ва дар корҳои сохтмонӣ масолеҳи хушсифати ватанӣ истифода гардидааст.

Масоҳати умумии ошхона 1 ҳазору 70 метри мураббаъ буда, дорои ҳуҷраҳои барҳавои омода кардани хӯрок, нонпазӣ, шустушӯӣ ва иншооти ёрирасон мебошад. Толори калони ошхона 420 ҷойи нишаст дошта, бо таъсиси ошхонаи нав барои 45 нафар ҷои кори доимӣ фароҳам шудааст.

Дар ошёнаи дуюми бино 6 ҳуҷраи корӣ, 6 ҳуҷраи таълимӣ барои касбомӯзони ширкат ва толори маҷлис барои 45 ҷойи нишаст пешбинӣ гардидааст. Дар шафати ин иншоот ошхонаи тобистона низ бунёд гардидааст, ки дар он дегҳои алоҳида барои омода кардани таом ва танӯрҳои нонпазӣ гузошта шудаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандону мутахассисони Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» суҳбати самимӣ ороста, бунёди иншооти зарурӣ, аз қабили ошхонаи замонавиро дар раванди корҳои сохтмонӣ дар неругоҳ муҳим арзёбӣ намуданд.

Бо бунёди ошхонаи нав кормандону мутахассисони ширкат се вақт бо хӯроки гарму серғизо таъмин мегарданд. Таъсиси ошхона дар мавзеи наздик ба қитъаи сохтмон дар самти сарфаи вақти кормандон мусоидат менамояд.

Бо назардошти иҷрои корҳои сохтмонӣ дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва расидани сатҳи обанбор ба баландии 1100 метр, замони зериобмонии майдончаи сохтмонии №1 ширкат ба нақша гирифтааст, ки корҳои сохтмониро дар 5 бинои хобгоҳи сеошёна оғоз намояд. Бунёди хобгоҳҳои замонавӣ дар умум барои 1500 нафар дар як басти корӣ пешбинӣ гардидааст.

Хобгоҳҳо дар асоси меъёрҳои сохтмонӣ бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани шароити хобу истироҳати кормандони ширкат бунёд карда мешаванд. Дар бинои хобгоҳҳо 75 ҳуҷраи хоб, ҳар кадом барои 4 нафар, сохта мешавад. Дар шафати биноҳои хобгоҳ майдони варзишӣ ва дигар инфрасохтори зарурӣ бунёд мегардад.

**Дар идомаи боздид аз ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар иншооти азими аср - Неругоҳи барқи обии «Роғун» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нақби сементатсионӣ ва заҳкашии G1L бо раванди корҳои бунёдӣ шинос шуданд.**

Нақби мазкур ба иншооти ЛОТ-и 2 дохил буда, корҳои сохтмониро пудратчӣ, ширкати «Вибилд» ба зимма дорад. Ин нақб аз иншооти асосии Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба ҳисоб рафта, бо риояи талаботи лоиҳавӣ бунёд мегардад. Дарозии нақби сементатсионӣ ва заҳкашии G1L 234 метр буда, аз сатҳи 1002 метр то 975 метр мавзеъ мегирад ва бо нақби сементатсионии G-1C, ки аз зери ядрои сарбанд мегузарад, пайваст мешавад.

Тибқи лоиҳа, нақби сементатсионӣ ва заҳкашии G1L аз 790 адад чоҳ иборат аст. Имрӯзҳо дар ин нақб марҳилаи охирини корҳо идома дошта, аз шумораи умумии чоҳҳо 680 адад парма ва сементатсия карда шудааст. Корҳои сементатсияи мустаҳкамкунандаи нақб аз ҷониби ширкати «Треви» ва зерпудратчии ширкати «Вибилд» иҷро гардида истодаанд.

Сифат ва мӯҳлати иҷрои корҳои сохтмонӣ дар нақби мазкур аз ҷониби мутахассисон мунтазам назорат карда мешавад. Ҳамин аст, ки анҷоми корҳои бунёдӣ дар ин қитъаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» мувофиқи нақша ва дар доираи талаботи сохтмон сурат мегирад.

Нақби сементатсионӣ ва заҳкашии G1L нақби муқимии неругоҳ буда, барои иҷрои корҳои сементатсияи пардаи оббанд ва заҳкашӣ хизмат мерасонад. То имрӯз сохтмончиёни ватанию хориҷӣ дар ин нақб корҳои нақбканӣ, таҳкимот ва хобонидани бетони конструктивии қисмати каф ва девору сақфро ба масофаи 234 метр ба анҷом расонида, марҳилаҳои баъдии корро идома медиҳанд.

Зимни боздид аз ҷараёни корҳои сохтмон дар нақби сементатсионӣ ва заҳкашии G1L-и Неругоҳи барқи обии «Роғун» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сохтмончиён вусъат бахшидан ва бо сифати баланд анҷом додани корҳоро талаб намуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки ин шоҳкории азим барои садсолаҳост. Бояд ба сифати корҳои сохтмон, истифодаи масолеҳи баландсифат ва таҷҳизоти ҷавобгӯй ба стандартҳои ҷаҳонӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.

**9 - уми августи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, бо рафти корҳои сохтмонӣ дар қисмати ядрои сарбанди асосии Неругоҳи барқи обии «Роғун» шинос шуданд.**

Ядрои сарбанд аз иншооти муҳими неругоҳ ба шумор рафта, корҳои сохтмонию васлгариро дар он мутахассисони ватанию хориҷӣ дар асоси нақша бо сатҳу сифати баланд ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ иҷро мекунанд.

Дар ин қитъаи неругоҳ барои бунёди таҳкурсии ядро корҳои хобонидани бетони пуркунанда ва кӯбидашаванда, арматурбандӣ ва бетонхобонии галереяҳо дар марҳилаи анҷомёбӣ қарор дорад.

Ҳаҷми лоиҳавии корҳои бетонӣ дар таҳкурсии ядрои сарбанди асосии Неругоҳи барқи обии «Роғун» 268,4 ҳазор метри мукаабро ташкил медиҳад ва то имрӯз 240 ҳазор метри мукааб бетони пуркунанда ва кӯбидашуда хобонида шудааст, ки нишондоди умумии иҷрои корҳо ба 90 фоизи нақша баробар мебошад. Дарозии таҳкурсии асосӣ аз бетони кӯбида 172 метр, паҳноиаш 133 метр ва баландии он 23 метрро ташкил медиҳад.

Дар асоси лоиҳа дар минтақаи ядрои сарбанд корҳои тоза намудан, мустаҳкамсозию бехатаргардонии соҳилҳои чапу рости паҳлуи кӯҳҳо иҷро гардида, мутахассисон дар ҳаҷми беш аз 2,7 миллион метри мукааб корҳои заминиро ба сомон расондаанд.

Дар таҳкурсии ядрои сарбанд аз ҷониби мутахассисону коргарон барои корҳои сементатсияи мустаҳкамкунанда 2615 чоҳ парма ва сементатсия карда шудааст. Дар умум аз рӯи лоиҳа дар ин мавзеъ 3014 адад чунин чоҳҳо ташкил карда мешавад. Ҳоло дар ин самт 87 дарсади корҳо ба иҷро расидааст.

Тибқи лоиҳа, дар таҳкурсии ядрои сарбанд бо дарозии 350 метр галереяҳои сементатсионӣ, мушоҳидавӣ, заҳкашӣ ва дастрасӣ мавҷуд мебошад, ки корҳо аллакай дар 300 метр иҷро гардидааст, дар қисмати болоии таҳкурсии ядрои сарбанд маводи зиддиполоишии асфалт бо паҳноии 1,2 метр ба нақша гирифта шуда, корҳо дар ин самт идома дорад. Хобонидану тахту ҳамвор намудан, зич кардани маводи зиддиполоишии асфалтро мутахассисон дар асоси назорати озмоишгоҳи марказии неругоҳ аз тарози 969 оғоз намуда, феълан корҳо дар сатҳи 974 ҷараён дорад.

Паҳноии ядро дар сатҳи 1300 ба 20 метр ва дар сатҳи 961 ба 172 метр баробар аст. Маводи истифодашуда дар ядрои сарбанди асосӣ гилхоки сангрезадор буда, тибқи лоиҳа 7,42 миллион метри мукаабро ташкил медиҳад.

Дар иншооти мазкур корҳои сохтмону васлгариро мутахассисону коргарони ширкати «Вибилд», ҶСК «Тоҷикгидроэлектромонтаж» ва «Треви» аз рӯи лоиҳаи «Грунер» пеш мебаранд.

Хобонидани маводҳо дар қисмати болоии сарбанд то имрӯз ба 1140 метр аз сатҳи баҳр расидааст. Барои кашондан ва қабат ба қабат хобонидани маводи сарбанд коргарону мутахассисон аз мошину таҷҳизоти муосири боркаш, булдозеру экскаваторҳо ва дигар механизмҳои зарурӣ истифода мекунанд.

Аз ҳаҷми умумии 80 миллион метри мукааб сангу шағали пешбинигардида барои сарбанд то имрӯз ба андозаи 19 миллион метри мукааб мавод дар қабатҳои болоию поёнӣ хобонида шудааст, ки 23 фоизро дар бар мегирад. Аз ҷумла, корҳои заминӣ 5,5 миллион метри мукааб, хобонидани сангу шағал 16,2 миллион метри мукааб, хобонидани санг 2,4 миллион метри мукааб ва хобонидани филтр 211,2 ҳазор метри мукаабро ташкил медиҳад. Айни ҳол оби обанбор дар нишонии 1070 метр аз сатҳи баҳр қарор дорад.

Андозаи болоии нигоҳдории об баъди обгирии пурраи обанбор 1 ҳазору 290 метр аз сатҳи баҳр хоҳад буд ва масоҳати обанбор ба 170 километри мураббаъ мерасад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи корҳои таркишию хокӣ ва пошидани маҳлулҳои бетонӣ дар минтақаи нишебии обқабулкунакҳои доимии Неругоҳи барқи обии «Роғун» аз сатҳи 1152 метр то 1565 метр шинос шуданд.

Бо мақсади мустаҳкамсозии нишебии обқабулкунакҳои доимӣ корҳои сохтмонию анкергузорӣ дар чор мавзеъ, аз ҷумла «А», «В», «С» ва «D», аз рӯи нақша идома дорад.

Корҳои таркишию хокӣ ва пошидани маҳлулҳои бетонӣ дар минтақаи «А» аз сатҳи 1504 то 1300 метр пурра иҷро гардида, насби лангарҳо (АЖГ) 65 фоизро ташкил медиҳад.

Дар минтақаи «В» аз сатҳи 1300 то 1152 метр корҳои таркишию хокӣ 83,5 фоиз, насби лангарҳо (АЖГ) 36 фоиз ва пошидани маҳлулҳои бетонӣ 41,6 фоиз ба анҷом расидааст.

Дар асоси лоиҳа корҳои таркишию хокӣ пурра ба итмом расида, насби лангарҳо (АЖГ) 53,8 фоиз, лангарҳои фишордор (ПНА) 51,4 фоиз, пошидани маҳлулҳои бетонӣ дар минтақаи «С» аз сатҳи 1400 то 1150 метр 92,5 фоиз иҷро гардида, корҳои бетонӣ босуръат тибқи нақшаи корӣ идома доранд.

Дар минтақаи «D» корҳои таркишӣ ва хокӣ 90,3 фоиз,пошидани маҳлулҳои бетонӣ 21,2 фоиз иҷро гардида, корҳои васлу насби лангари «АЖГ» бо сифати баланд тибқи талаботи лоиҳа, иҷро шуда истодааст.

Корҳои сохтмонию васлгарӣ дар нишебии обқабулкунакҳои доимии Неругоҳи барқи обии «Роғун» аз сатҳи 1152 метр то 1565 дар асоси назорати пайваста бо ҷалби мутахассисони ватанию хориҷӣ аз рӯи нақшаи фармоишгар пеш меравад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ бо ҷараёни корҳои сохтмонии анҷомшуда ва лоиҳаи нишебии обқабулкунакҳои доимии Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба масъулон барои иҷрои босифати ҳадафҳо тибқи талаботи муқарраршуда дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

